Тақриз
ба маҷмуаи таълимии «Занбӯраки асалдор», муаллиф: Сафар Розиқов.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ маҷмуаи таълимии «Занбӯраки асалдор»-ро таҳлилу ташхис карда, чунин иброз менамояд:

Маҷмуаи таълимии пешниҳодшудаи аз 33 саҳифа иборат буда, барои баргузории машғулияти мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва осон кардони кори мураббия ва роҳбари мусиқӣ пешбинӣ шудааст.

Барои баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиши тарбиягирандагони муассисаҳои томактабӣ таҳия намудани чунин маҷмуаи таълимӣ яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир буда, дуруст ва мувофиқи мақсад ба роҳ мондани омӯзиш дар муассисаҳои таълимӣ ҳадафи асосии он маҳсуб меёбад.

Давраи томактабӣ – давраи хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти инсон аст. Дар ин давра рушдёбии сифатҳои зеҳнию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ мушоҳида мегардад ва маҳз ҳамин роҳу усулҳои ташаккулдиҳии онҳо дар дастури мазкур дарҷ ёфтааст.

Бо пешниҳод гардидани маводи мазкур мураббия метавонад дар кӯдакон қироати шеър ва дарки мазмун он, тахаюлот, фикррронӣ, имою ишораро рушд диҳад.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ баъди таҳлилу ташхиси маҷмуаи таълимӣ, дастури мазкурро маводи муҳими таълимӣ арзёбӣ намуда, барои чоп дастгирӣ мекунад.